# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Ба ҳамагон маълум аст, ки тоҷикон аз қадимулайём боз чун мардуми созандаю бунёдкор ва фарҳангсолор шинохта шуда, ба оламиён беҳтарин намояндагони илму фарҳанг ва маорифпарваронро ба дунё овардааст, ки бо ному пайкори онҳо тамоми аҳли башар, бахусус мардуми форсзабони олам ифтихор доранд.

Пошхурии давлати абарқудрати шуравӣ боиси парокандагии ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ гардид. Тоҷикистон ҳам ҳарчанд он айём истиқлолу озодии ба даст оварда бошад ҳам, аммо мутаассифона ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки дар натиҷаи гирудорҳои хунини тарафҳои муқобил саросари мамлакат, билхоса вилояти Хатлон, ки макони оғози ин ҷанги хонумонсӯз буд, кулли соҳаҳо, аллалхусус соҳаи маорифу фарҳанг ба коми оташ мувоҷеҳ гардид. Муассисаҳои фарҳангу маориф: мактабхонаю муассисаҳои томактабӣ, китобхонаю қироатхонаҳо, қасрҳои фарҳанг, осорхонаю боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва ғайраҳо ба боди фано рафтанд, ки барқарору азнавсозии онҳо мушкилоти зиёди ташкилию молиявиро ба бор овард.

Кӯшишу талошҳо ва чорабиниҳои хукумат, аллалхусус тадбирҳои маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароит фароҳам оварданд, ки таъмиру тармим ва тарбияи кадрҳои варзидаи созандаю бунёдкор муяссар гардад. Пешвои миллат зимни яке аз баромадҳояшон қайд намуда буданд: «Ҷомеае,ки ба аҳли маориф - ба

устод, омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад. Имрӯз ҳеҷ кас инкор карда наметавонад, ки заминаи ояндаи мо маҳз дар мактаб гузошта мешавад» Дар ин маврид муаллифи рисола ҳақ аст, ки навиштааст: Дар шароити сулҳу суботи комили сиёсию иқтисодӣ имкон пайдо шуд, ки барои рушди соҳаҳои маорифу фарҳанг маблағҳои муайян дарёфт карда шавад, ки дар натиҷа ҳайёти фарҳангию маорифи ин вилоят тадриҷан пеш рафтанд.

Мубрамияти мавзуъ пеш аз ҳама дар он аст, ки то ба ҳол дар адабиёти илмӣ рафти барқарорсозии макотибу муассисаҳои фархангии вилояти Хатлон, ки бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ харобу валангор шуда буданд ва ҳамчунин хизматҳои шоистаи шахсиятҳои алоҳида ва ташкилоту идораҳо инъикоси ҳамаҷонибаи хешро наёфтааст. Дарёфту мавриди истифода қарор додани маводҳои архивию матбуоти даврӣ ва сухбаторойи бо собиқадорони риштаи мавриди тадқиқ аз ҷониби муаллиф аз мубрамиятӣ мавзуъ далолат мекунанд.

Сохтори рисола тибқи талаботи замон таҳия шуда, он аз пешгуфтор, 2 боби ба мавзӯъ алоқаманд, хулоса ва феҳристи сарчашмаю адабиети истифодашуда иборат аст.

Дар пешгуфтор мубрамият ва заруияти таҳқиқи мавзуъ, сатҳи омӯзиши ин давраи таърихӣ, мақсаду вазифаҳо, объекти таҳқиқот, асосҳои методологӣ, таҳлили адабиёт ва сарчашмаҳо, чаҳорчубаи мавзуъ, ҳудуди ҷуғрофии таълифот, навгониҳои илмии таҳқиқот, апробатсияи таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва дархосту пешниҳодоти муҳаққиқ ҷойгоҳи худро ёфтаанд.

Боби аввали рисола «Таҳаввулот дар низоми таълиму тарбия» номгузорӣ шудааст.

Дар ин боб муаллиф дар истинод бо ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, маводҳои бойгониҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ ва шаҳру ноҳиявӣ, матбуоти даврӣ, мулоқот бо роҳбарону собиқадорон ва маорифчиёни фаъоли даврони мавриди тадқиқ бо далелҳои раднашаванда қайд менамояд , ки таҳия ва мавриди амал қарор гирифтани як қатор

санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ, таъсиси як силсила макотиби типи нав, барномаҳои компютеркунонии мактабҳо, сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ боиси пешрафти соҳа гардиданд. Муаллиф менависад, ки то соли 2016 дар ҷумҳури аллакай 115 муасссисаҳои типи нав ,аз ҷумла 83 гимназия, 9 мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат фаъолияти пурсамар доштанд. Диссертант бо истифода аз ҳуҷҷатҳои расмӣ, ахбороти матбуоти даврӣ дар ин боб оиди таъсиси квотаи президентӣ ва фарогирии хатмкунандагони макотиби вилоят андешаҳои хешро баён намуда, бо таассуф қайд менамояд, ки роҳбарияти баъзе аз шуъбаҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ин маъракаи муҳим ба саҳланкорӣ роҳ медоданд. Масалан, изҳор медорад муаллиф, ки дастандаркорони ин маъракаи сиёсӣ ҳуҷҷатҳои ғолибонро дар муҳлатҳои муқарраргардида ба комиссияҳои қабули макотиби олӣ пешниҳод наменамуданд. Ҷолиб аст, ки диссертант дар ин боб оиди норасоиҳои солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ибрози назар кардааст. Чунончи , дар рисола омадааст, ки то соли таҳсили 2015-2016 93 адад муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар хонаҳои шахсӣ ва 40 адад синфхонаҳо дар вагонҳо ҷойгир шуда буданд, ки баъди бунёди 729 адад синфхонаҳо 18117 нафар хонандагон ба ин синфхонаҳо интиқол ёфтаанд.

Фараҳбахш аст, ки диссертант дар ин боб хеле доманадор ва бо факту рақамҳои боварибахш бо истинод бо санадҳои бойгониҳои ташкилотҳои байналмилалӣ аз кумакҳои башардӯстонаи ташкилоту созмонҳо ва фондҳои хайриявӣ, аз қабили ОРА Интернешл, Бунёди Мадад, Барномаи байналмилалии озуқа, Када ба макотиби зинаҳои мухталифи таҳсилот ёрии моддию молиявӣ расонданд, ки ин қиммати илмии рисоларо афзун намудааст. Дар фуроварзи андешаҳо муҳаққиқ аз қаҷравиҳо дар ин иқдомҳои хайрхоҳона ибрози назар намудааст.

Дар ин боб ҳамзамон дар масъалаи афзоиш ва коҳиши теъдоди омӯзгорон дар миқёси вилоят, андозаи маош ва имтиёзҳо ба омӯзгорони деҳот, қарорҳои ҳукумати ҷумҳурӣ, вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон оиди пайваста боло бурдани ҳолати тадрис ва музди меҳнати

омӯзгорон, аллалхусус амӯзгорони деҳот маълумотҳои оморӣ дар шакли ҷадвалу диаграммаҳо дар давраҳои мухталифи соҳибистиқлолӣ овардааст. Рақамҳои оморӣ, муқоисаю хулосабарориҳо гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ дар гирдоварӣ ва бандубасти онҳо заҳмати зиёде кардааст, ки шоистаи аҳсанҳост.

Зербоби дуввуми боби якум «Вазъи таҳсилоти ибтидоӣ ,миёна, касбӣ ва олӣ» номгузорӣ шудааст. Диссертант барҳақ менависад, ки бар асари ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ иншооту биноҳои таълимӣ ба харобазор табдил ёфтанд. Нарасидани васоити таълимӣ, ҳайати омӯзгорон, паст будани маош, ба талаботи замони нав ҷавобгу набудани нақшаю барномаҳои таълимӣ ва ғайраҳо омилҳое буданд, ки садди роҳи пешрафт гардиданд. Дар ин зербоб оиди мактабҳои олии вилояти Хатлон, теъдоди устодон, донишҷӯён, нарасидани устодони унвондор, таълифоти ками омӯзгорон, чопи мақолаҳо сухан меравад.

Боби дуввуми рисола «Вазъи адабиёт ва санъат» номгузорӣ шудааст, ки аз 3 зербоби ба ҳам алоқаманд иборат аст, ки он аз маҳфилҳои адабии шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумот медиҳад. Таи солҳои соҳибистиқлолӣ дар вилоят даҳҳо адад маҳфилҳои адабӣ, ба монанди «Адибони ҷавон», «Парвози шоҳин», «Хайрандеш», «Умед», «Чилчанор», «Амвоҷи Техрай»,«Офтоб», «Шоҳномахонҳои ҷавон», «Гулбарг» ва ғайраҳо зуҳур ва фаъолият намуданд. Дар рисола муаллиф қайд менамояд, ки дар саргаҳи қаламкашони соҳибзавқи хатлонӣ адибонӣ маъруф Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ашур Сафар, Ҳақназар Ғоиб, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Хайрандеш ва дигарон қарор доштанд. Дар рисола ному насаби беш аз 113 адибони моniқалами хатлонӣ бо ишораи 386 асарҳояшон оварда шудаанд, ки аз садоқати рисоланависи ҷавон дарак медиҳанд.

Диссертант дар рисолааш тавонистааст хизматҳои шоистаи шоирону нависандагон ва рӯзноманигорони хатлонзаминро на танҳо бо ашъори оташборашон, балки бо иштироки бевоситаашон дар таҳкими пояҳои истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ, ободию озодии ватан саҳм гузоранд. Ҳақ

бар ҷониби муаллифи рисола аст, ки мегӯяд: «таблиғи мавзуъҳои мубрами рӯз дар осори адибони хатлонӣ ҷойгоҳи хоса дошт».

Дар боби дуввуми рисола ҳамзамон аз фаъолияти рангини васоити ахбори омма рӯзномаю маҷаллаҳо, шабакаҳои телевизионию радио, ожонсҳои иттилоотӣ ва ғайраҳо навиштаҳои ҷолиб ҷой дода шудаанд. Аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то имрӯз дар саросари вилоят 33 рӯзнома ва 5 адад маҷаллаҳо ба табъ мерасанд, ки адади нашрашон мухталифанд. Боиси нигаронист, ки теъдоди маҷаллаҳо ва рӯзномаю маҷаллаҳои ғайридавлатӣ торафт коҳиш меёбанд.

Бахши дигари ин боб «Рушди ҳунари театрӣ ва мусиқӣ» номгузорӣ шудааст, ки дар ин қисмат бурду бохти фаъолияти театрҳои касбӣ, халқӣ ва дастаҳои ҳунарии мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз навиштаҳои муаллифи рисола айён мегардад, ки муассисаҳои театрии вилоят таи солҳои мавриди таҳқиқ роҳи мушкил, вале пурифтихореро тай намудааст. Диссертант менигорад, ки новобаста аз муваффақиятҳо дар самти фаъолияти ин муассисаҳо то ҳол норасоиҳою проблемаҳо мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ногузиранд.

Дар рисола ҳамчунин аз фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, аз қабили фаъолияти китобхонаҳо маълумот дода шудааст. Диссертант бо камоли масъулият навиштааст, ки таи 10 соли аввали соҳибистиқлолӣ фаъолияти китобхонаҳо ба талабот ҷавобгӯ набуданд. Хушбахтона, менависад муаллиф, бо мурури замон корҳо дар ин самт беҳтар гардиданд. Бо қарорҳои ҳукумати мамлакат, вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва дастгирии шахсони саховатпеша бинои китобхонаҳо таъмиру тармим гардиданд, ба китобхонаҳо миқдори муайяни китобҳо ҳамчун туҳфа супорида шуданд. Ҳақ ҷониби рисоланавис аст, ки имрӯз китобхонаҳо бо маркази баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва ҳам сиёсӣ-таблиғотӣ табдил ёфтаанд.

Дар рисола ҳамчунин нисбати боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ омадааст, ки таъмиру тармими боғҳои фарҳангӣ- фароғатии замони шуравӣ ва бунёди боғот дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон дар даврони

мавриди назар ба марҳилаи соҳибистиқлолии кишвар рост меояд. То 1-уми декабри соли 2016 теъдоди боғҳои мадди назар ба 21 адад расиданд. Дар ҷамъбасти боби дуввуми рисола муҳаққиқ менависад, ки дар солҳои мавриди таҳқиқ новобаста аз камбудиҳо: нашри осори пастсифати адибону рӯзноманигорон, нокифоягии мутахассисони соҳибкасби риштаҳои мухталифи маорифу фарҳанг, дар ҳолати ногувор қарор доштани бархе аз муассисаҳои фарҳангӣ бо гузашти айём пешравиҳо ба амал омаданд. Масалан, агар дар соли 1992 ҳамагӣ дар вилоят 2 театри халқӣ арзи ҳастӣ дошта бошад, пас ин рақам дар соли 2016 ба 4 адад , теъдоди осорхонаҳо аз 8 адад то ба 21 адад расиданд.

Хулласи каллом, замони соҳибистиқлолии кишвар марҳалае буд, ки новобаста аз ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашидани кишвар дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон қадамҳои чашмрас гузошта шуданд. Дар хулоса муаллиф андешаю хулосаҳои ҷамъбастии хешро мушаххасан оварда, баъзе масоили ба мавзуъ алоқаманди ҳалталабро ба маърази диққати роҳбарони шаҳру ноҳияҳо, вилоят, мутахассисон, соҳибкорону сарватмандони маорифпарвару фарҳангдӯст пешниҳод намудааст. Ҳамзамон муаллиф дар ҷамъбасти рисола дархосту пешниҳодҳои воқеан ҷолибро нисбати афзун намудани теъдоди макотиби типи нав, ҳавасманд намудани омӯзгорони ҷавон ба пешаи хеш, бунеди муассисаҳои томактабӣ, ҷалби аҳли қалам ба корҳои созандагию бунедкорӣ миени наврасону ҷавонон иброз доштааст.

Бамаврид аст бигӯем, ки рисола ва автореферат бо риояи кулли талаботи забони илмии тоҷикӣ навишта шудааст. Чунин муносибат муҳаққиқони ҷавони ояндаро водор месозад, ки ҳангоми омода намудани рисолаҳои номзадию доктории хеш чунин талаботи замони соҳибистиқлолӣ ва мақоми давлатӣ доштани забони тоҷикиро мадди назар дошта бошанд. Таъкид мебояд, ки диссертант маводи бешумори бойгониҳо, ҳисоботҳои вазорату кумитаҳои алоқаманд ва ахбороти матбуоти давриро мавриди истифодаи васеъ қарор додааст, ки он қиммати илмии рисоларо афзун намудааст . Андешаҳо ва фикрҳои

бикри муаллифи рисола хонандаро бовар мекунонад, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ ва бо истифодаи фаровони маводҳои бойгониҳо ва мабуоти даврӣ таҳия шудааст.

Боиси қаноатмандист, ки муҳтавои рисола ва мазмуну мундариҷаи мақолаҳои дар маҷаллаҳои сабти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чопшуда ба муҳтавои рисола комилан мувофиқат менамоянд.

Мебояд гуфт, ки новобаста аз комёбиҳою дастовардҳо рисола аз норасоиҳою камбудиҳои ҷузъӣ орӣ нест:

-Аз чи бошад, ки ҳолати муассисаҳои томактабӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар замони мавриди таҳқиқ инъикоси зарурии худро наёфтааст;

-Чунин ба назар мерасад, ки боби дуввуми рисола дар киёс бо боби аввал бештар хусусияти омориро касб кардааст, зеро таҳлилу хулосабарорихои мантиқӣ дар ин бахш камтар ба мушоҳида мерасад. муҳаққикро мебояд, ки дар тадқиқотҳои минбаъдааш ин пешниҳодро мадди назар дошта бошад;

- Мутаассифона, дар матни рисола баъзе хатоҳои грамматикию имлоӣ ва мантиқӣ ба чашм мерасанд;

- Пешниҳод дорем, ки ҳангоми таълифи рисолаҳои илмӣ аз истифодаи баъзе ибораҳо ва истилоҳои мушкилфаҳми таърихию сиёсӣ худдорӣ ва истиҳола намоем.

Дар ҳар сурат ба камоли масъулият иброз медорем, ки чунин пешниҳоду дархостҳо ва норасоиҳои ҷузъӣ ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмӣ, назариявӣ ва амалии рисоларо коста намесозад ва бо итминони том изҳор медорем, ки рисолаи пешниҳоднамудаи Алишери Амирхон таҳти унвони «Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016) комилан ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда,

муаллифи рисола ба дарёфти дараҷаи илмии номзадн илми таърих арзанда аст.

Муқаррази расмӣ: номзади
илмҳои таърих, профессори
фахрии кафедраи таърих ва ҳуқуқи
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Ширшишоҳ Шоҳтемур Бобохонов М.Б.

Имзои профессор М.Б. Бобохонов-ро
тасдиқ мекунам: Сардори шуъбаи
таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур Раҷабова Н.
“_11_” ____11____ 2022 с.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
Тел.: / Факс: (992-37) 224 72 07 // E-mail: rectortau31@mail.ru //
www.tajagroun.tj